Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳисайн Раҳимович ба диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзуи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз”: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ).

1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити иқтисоди бозорӣ тамоми тамаддуни ҷаҳонӣ ба сӯи стратегияи нави рушд равона шудааст, ки онро стратегияи рушди устувор меноманд. Гузариш ба рушди устувор вазифаи ҳифзи муҳити зистро ҷиҳати таъмини рушди иқтисодӣ ва рушди иқтисоди “сабз” дар назар дорад. Дар баробари ин, рушди иқтисодӣ бевосита ба афзоиши хароҷоти иқтисодии истеҳсолот, бинобар бад шудани вазъи муҳити зист ва саломатии инсон оварда мерасонад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкурро ҳаматарафа дарк намуда, саривақт ба идоракунии он шурӯъ намуд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳиммияти татбиқи Консепсияи рушди устуворро ҳамеша зикр намуда, ташаббускори ҳалли масоили обу иқлим дар сатҳи ҷаҳон эътироф шуда, дар Паёми навбатии худ қайд намуданд, ки «... такроран таъкид менамоям, ки бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба он, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти содирот, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шавад. Вобаста ба ин, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, корҳои хориҷӣ, Кумитаи

давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар сохторҳои дахлдорро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби «маблағгузории сабз» барои татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои саноат ва инфрасохтори кишвар, хусусан, лоиҳаҳои дорои аҳаммияти экологӣ ва озуқаворӣ чораҷӯӣ намоянд».

Ин ва дигар далелҳои назариявӣ ва амалии мавҷуда зарурати интихоб ва омӯзиши мавзуи диссертатсияро муайян намудааст. Ҳадафи таҳқиқот дар инкишоф додани муқаррароти илмии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” ва асоснокнамоии таъмини шароити мусоид оид ба фаъолияти он ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар мамлакат мебошад, ки дар шароити муосир мубрамият ва рӯзмарра будани мавзуи интихобнамуда гувоҳӣ медиҳад.

2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқ мебошад: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ; 3. Қонуният ва тамоили рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; 4. Пешгӯии тағйиротҳои сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; миқёси фаъолият; намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.); 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 10. Ҳолат ва дурнамои низомҳои байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавии соҳибкорӣ, алоқамандии онҳо; 15. Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ; 18. Маблағгузорӣ дар пешбурди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ; 19. Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ; 20. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст

Навгонии илмии диссертатсияи тақризшаванда, ки оиди рушди назария ва коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" муайян карда шудааст, кофӣ ва асоснок буда, миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

- дар диссертатсия асосҳои илмию назариявии мафҳуми «иқтисоди сабз» мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, он ҳамчун унсури муҳим ва тамоюли муосири рушди устувори иқтисоди ҷаҳонӣ арзёбӣ гардидааст. Таърифи муаллифии «иқтисоди сабз» пешниҳод гардидааст, ки ба қобилияти ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, коҳиш додани хатарҳои экологӣ ва мусоидат ба суботи иҷтимоӣ такя мекунад. Муаллиф дар асоси таҳлили асноди байналмилалӣ, адабиёти илмӣ ва маълумоти оморӣ принсипҳо ва механизмҳои асосии ташаккул ва рушди «иқтисоди сабз»-ро муайян намуда, таъсири онро ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди устувор нишон додааст;

- дар кори диссертатсионӣ механизм ва принсипҳои идоракунии рушди соҳибкории экологӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки саҳми назаррас дар заминаи методологии таҳқиқоти рушди устувор ва соҳибкории экологӣ мебошад. Муаллиф равиши маҷмӯиро пешниҳод кардааст, ки он имкон медиҳад на танҳо саҳми мустақими соҳибкории экологӣ тавассути коҳиши таъсири манфӣ ба муҳити зист ва самаранокии истифодаи захираҳо баҳо дода шавад, балки таъсири ғайримустақими он тавассути татбиқи навовариҳо, иштироки фаъол дар баланд бардоштани маърифати экологӣ ва ташкили ҷойҳои кории "сабз" объективӣ арзёбӣ карда шавад. Ин механизм таҳия ва мутобиқсозии нишондиҳандаҳои мавҷудаи самаранокии экологиро барои татбиқи онҳо дар соҳаҳои мухталиф ва миқёси корхонаҳо бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти иқтисодӣ ва шароити иқтисодии миллӣ дар бар мегирад;

- таҳлили ҳолати муосир ва тамоюлҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида шудааст. Дар таҳқиқот вазъи муосири фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо таваҷҷуҳ ба рушди соҳибкории экологӣ арзёбӣ гардида,

тамоюлҳо, мушкилот ва имкониятҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар заминаи устувории экологӣ муайян карда шудааст. Муаллиф таъсири сиёсати миллии иқтисодӣ, экологӣ ва инноватсиониро ба рушди соҳибкории экологӣ арзёбӣ намудааст, ки ба таҳияи самтҳои стратегии дастгирӣ ва рушди он имконият медиҳад;

- дар диссертатсия ҳамчунин арзёбии вазъи рушди соҳибкории экологӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ амалӣ гардидааст. Муаллиф ба таври муфассал таъсири соҳибкории экологиро ба равандҳои саноатикунонии босуръат бо назари навоварона муайян намудааст. Дар таҳқиқот ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам манфии ин ҳамкориро таҳлил намуда, мушкилот ва имкониятҳои асосии соҳибкории экологиро дар заминаи саноатикунонии босуръат таъкид мекунад. Тавсияҳои дар асоси таҳлил гузаронидашуда ба ҳадди аксар расонидани манфиатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ аз рушди саноат, аз ҷумла пешниҳодҳо оид ба ҳамгироии таҷрибаҳои устувори экологӣ ба равандҳои истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии навовариҳо дар соҳаи экология ва рушди устувор равона карда шудаанд;

- дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз» таҳия гардидааст. Ба қатори самтҳои стратегӣ барои рушди соҳибкории экологӣ, аз ҷумла инноватсия, навсозии технологӣ, дастрасӣ ба маблағгузорӣ, баланд бардоштани маърифати экологӣ ва ғайра пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин соҳаҳои асосии рушди соҳибкории экологӣ, ба монанди саноати “сабз”, кишоварзии “сабз”, нақлиёти “сабз”, сайёҳии “экологӣ” ва ғайра муайян гардидаанд. Муаллиф муносибати ҳамаҷонибаи банақшагирии стратегиро дар асоси таҳлили хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ, инчунин талабот ва имкониятҳои корхонаҳои самти экологӣ асоснок намудааст. Ин самтҳо барои ташаккули сиёсати самараноки дастгирии соҳибкории экологӣ, ки ба гузариш ба «иқтисоди сабз» мусоидат мекунад, заминаи асосӣ ба ҳисоб мераванд;

- тавсияҳо оид ба беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ ва рушди маърифати экологӣ асоснок гардидаанд. Муаллиф тавсияҳои мушаххасро барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод кардааст. Ин тавсияҳо тадбирҳоро барои такмил додани заминаи қонунгузорӣ, содда кардани расмиёти маъмурӣ барои лоиҳаҳои экологӣ, пешниҳоди воситаҳои молиявӣ ва ҳавасмандгардонӣ, аз қабили имтиёзҳои андоз, грантҳо ва субсидияҳои экологӣ дар бар мегиранд. Илова бар ин, ба зарурати рушди маърифати экологӣ ва баланд бардоштани огоҳии ҷомеа дар бораи манфиатҳои рушди устувор ва соҳибкории экологӣ диққати махсус равона карда шудааст. Муносибати ҳамаҷониба барои ҳамгироии маърифати экологӣ ба барномаҳои таълимии ҳама сатҳҳо, аз давраи томактабӣ то таҳсилоти олӣ, инчунин ба барномаҳои таълими касбӣ ва такмили ихтисос пешниҳод карда шудааст.

Аз рӯи таҳқиқот маълум мегардад, ки муаллиф доир ба мавзуи идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" сарчашмаҳои илмиро самаранок истифода бурда, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

Мазмуни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф ба мазмуни диссертатсия комилан мувофиқат менамояд.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Муаллиф аз таҳқиқоти илмӣ ва нуқтаҳои назари олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" моҳирона истифода карда, маълумоти марказҳои илмию таҳқиқотӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалиро доир ба мавзуи таҳқиқшаванда ҳамчун заминаи назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллифи рисолаи илмӣ дар асоси истифодаи принсипҳои системавӣ, методҳои умумииқтисодӣ, ба монанди: муқоисакунӣ, синтез, таҳлили омории иқтисодӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия ва ғайраҳо хулосаҳои худро дар намуди назария пешниҳод намуда, механизмҳои идоракунии рушди соҳибкории экологиро дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" коркард намуда, дар асоси он вазъи экологии мамлакатро низ мавриди таҳлил қарор додааст. Инчунин, истифодаи принсипу

методологияи дар боло зикршуда, ба муаллиф имконият доданд, ки дар асоси онҳо тавсияҳои амалии такмили идоракунии рушди соҳибкории экологиро дар кишвар пешниҳод намояд.

Барои арзёбӣ ва муайян намудани мушкилоти идоракунии рушди соҳибкории экологии мамлакат аз маводи расмии нашргардидаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии бахши муҳити зист ва экология, стратегияи рушди иқтисоди "сабз", инчунин аз асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба ҳалли ин масъала бахшида шудаанд, маводи конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ истифода шудааст.

5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва методии пешниҳодшуда ба фароҳам овардани шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ барои такрористеҳсол ва истифодаи иқтидорҳо, баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо ва рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз» равона карда шудаанд.

Натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории экологӣ, баланд бардоштани маърифати экологӣ ва инфрасохтори «иқтисоди сабз» истифода шаванд. Илова бар ин, аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои мушаххасе таҳия шудаанд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди соҳибкории экологӣ истифода мешаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар муайян кардани самтҳои афзалиятнок, шаклу усулҳои ташаккул, истифода ва рушди иқтидори сохторҳои соҳибкории экологӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи ҳама намуди захираҳо дар раванди татбиқи принсипҳои рушди устувор аҳамияти амалӣ доранд. Ҳамзамон, муқаррароти илмии кори диссертатсиониро дар ҷараёни таълими фанҳои «Иқтисоди миллӣ», «Менеҷменти экологӣ» ва «Иқтисодиёти истифодабарии сарватҳои табиӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр

кардани кадрҳои баландихтисос истифода бурдан мувофиқи мақсад мебошад.

Сохтори кори диссертатсионӣ, гузориши мақсад ва алоқамандии ман-тиқии онҳоро тасдиқ менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулоса ва пешниҳод, рӯйхати адабиёт иборат буда, 344 саҳифаи матни компютериро бо 30 ҷадвал, 6 расм ва 7 диаграмма анҷом ёфтааст.

Дар боби якуми диссертатсия **"Асосҳои назариявии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз»** - заминаҳои консептуалии «иқтисоди сабз» ва нақши он дар ҷаҳони муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, мазмун ва мундариҷаи соҳибкории экологӣ ҳамчун унсури «иқтисоди сабз» ва омили рушди устувор баррасӣ ва таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии соҳибкории экологӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд

Муаллиф дуруст қайд менамоянд, ки «Иқтисоди сабз» яке аз самтҳои муосири илми иқтисод буда, дар пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ саҳми арзанда мегузорад. Олимон ва мутахассисон «иқтисоди сабз»-ро ба маънои васеаш чунин тарзи фаъолияти хоҷагидорӣ меҳисобанд, ки ба боло рафтани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамзамон хатарро ба муҳити зист ва харобшавии табиат коҳиш медиҳад. Ба маънои маҳдудаш «иқтисоди сабз»-ро ҳамчун технологияи коркард, истеҳсол ва истифодабарии таҷҳизот барои назорат ва кам кардани партовҳои моддаҳои ифлоскунанда ва газҳои гулхонаӣ, мониторинг ва пешгӯии тағйирёбии иқлим, ҳамчунин технологияҳои сарфаи энергия ва энергетикаи барқароршаванда маънидод кардан мумкин аст (с. 27).

Ба андешаи муаллиф, назарияи «иқтисоди сабз» асосан аз се нуқтаи баҳснoталаб асос ёфтааст: имконнопазирии бемаҳдуд васеъ намудани доираи таъсир дар фазои маҳдуд; дар шароити маҳдуд будани захираҳо имконнопазир будани қонеъ гардондани талаботи афзоянда; бо ҳам алоқаманд будани ҳамаи раванду зуҳурот дар рӯйи замин (с. 27-28).

Ҳамин тариқ, муаллифи диссертатсия фикру андешаҳои гуногуни олимони ватанию хориҷиро таҳлил намуда, таърифи маъмултарини соҳибкории экологиро бо чунин тарз пешниҳод намудааст: фаъолияти

иқтисодии ташкилотҳоест, ки ба ҳифзи муҳити зист тавассути истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ нигаронида шудааст, ки риояи стандартҳо ва талаботи мавҷудаи экологиро таъмин менамояд (с. 50). Инчунин ба андешаи муаллиф зимни баррасии мафҳуми «соҳибкории экологӣ» хусусият ва нишонаҳои он низ бояд ба инобат гирифта шаванд, ки онҳо ба таври мушаххас дар саҳифаҳои 51-55-и диссертатсия оварда шудаанд.

Хусусиятҳои таҷрибаи хориҷии рушди соҳибкории экологии як қатор кишварҳо ба монанди таҷрибаи ИМА, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Россия, Бразилия ва як қатор кишварҳои Аврупоиро омӯхта (ҷадвали 1.6) муаллиф чунин хулосагузорӣ намудааст, ки таҷрибаи хориҷӣ дар ташаккул ва рушди соҳибкории экологӣ барои ҷумҳурии мо арзишманд ва муфид аст. Истифодаи таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки мушкилоти экологӣ самаранок ҳал карда шуда, иқтисодиёти устувор бунёд карда шавад. Аммо барои бомуваффақият татбиқ намудани чунин таҷриба бояд хусусиятҳои вазъи экологии Тоҷикистон, инчунин бартараф намудани монеаҳо ва мушкилот дар рушди соҳибкории экологӣ ба назар гирифта шавад (с.75).

Дар боби дуюми таҳқиқот **“Ҷанбаҳои методологии таҳқиқи соҳибкории экологӣ”** - аз ҷониби муаллиф таҳқиқи механизми идоракунии соҳибкории экологӣ дар шароити муосир амалӣ гардонида шуда, принсипҳо ва омилҳои асосии рушди соҳибкории экологӣ ошкор ва асоснок гардонида шудаанд.

Ба андешаи муаллиф, барои арзёбии аҳамияти соҳибкории экологӣ моделеро истифода намудан мумкин аст, ки дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо васеъ истифода мешавад ва бо номи “Ҳалқаи панҷгона” (Quintuple Helix) маъруф аст. Модели инноватсионии “Ҳалқаи панҷгона” аз якчанд зернизомҳо иборат аст, аз он ҷумла: низоми маориф (сармояи инсонӣ), зернизоми иқтисодӣ (сармояи иқтисодӣ), зернизоми сиёсӣ (сармояи сиёсӣ-ҳуқуқӣ), маҷмӯи «сармояи иҷтимоӣ» ва «сармояи иттилоотӣ», муҳити зист (сармояи табиӣ). Нишондиҳандаи интегралии модели “Ҳалқаи панҷгона”-ро муаллифи диссертатсия - ҳамчун миёнаи арифметикии арзишҳои панҷ зерсистема интихоб намудан мумкин аст (расми 2.2., с.81).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки худи раванди рушди соҳибкории экологӣ бо истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва иҷрои корҳои дахлдор бо пешниҳоди хизматрасонии экологӣ ба фоидаи устувори максималӣ оварда мерасонад ва инчунин, метавонад боиси тағйирёбии мусбии вазъи экологии ҷумҳурӣ гардида, дар рушди устувори экологӣ ва иқтисодии мамлакат нақши калидӣ дошта бошад (с. 89).

Аз ин ҷост, ки ба ақидаи муаллиф, татбиқи вазифаи асосии муносибатҳои масъулиятшиносии иктисодиёт ба табиат, умуман ва махсусан ба сарватҳои табиӣ бо татбиқи принсипҳои зерин амалӣ карда мешавад: ҳифзи биосфера - ҳифзи муҳити табиӣ аз ифлосшавии ҳавзаи ҳаво бо воситаҳои зарарнок ва кам кардани партовҳои корхонаҳои саноатӣ ва нақлиёти автомобилӣ ба атмосфера, гидросфера ва биосфера; дастгирии ҳифзи сарватҳои табиӣ - ҳифзи сарватҳои табиӣ, ба мисли буридани дарахтони ҷангал, сохтмонҳои ғайриқонунӣ, партовгоҳҳои худсарона, тахриби объектҳои об ва ғайра; нигоҳдорӣ ва истифодаи партовҳо - яъне, коркард ва истифодаи партовҳои сахти маишӣ, безарар гардонидан ва нобуд кардани партовҳои радиоактивӣ; маҳсулот ва хизматрасониҳои бехавф - истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бехавф ва таъмини кору хизматҳои бехатар дар соҳаи экология; барқароркунии муҳити табиӣ - ҳифз ва барқарор намудани муҳити табиӣ бо мақсади беҳтар намудани вазъи экологию иқтисодии кишвар; аудит ва ҳисоботҳо - пайваста гузаронидани аудит ва ҳисоботи экологӣ бо мақсади таъмини эътимоднокии баҳисобгирии экологӣ ва ҳисоботдиҳӣ (с.91).

Дар боби сеюми диссертатсия **“Шароитҳои иқтисодӣ ва экологии рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** - масъалаҳои муайян намудани тамоюли рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили вазъи муосир ва тамоюли рушди соҳибкории экологӣ ва рушди он дар раванди саноатикунонии босуръати иқтисоди кишвар бо истифода аз услуҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки саҳми соҳибкории истеҳсолӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, муттаасифона ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ намебошад, зеро, соҳибкорон барои пешбурди ин фаъолият ба хавфу хатарҳои гуногун дучор гардида,

ҳавасмандӣ надоранд. Фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ба сабук кардани реҷаи андозбандӣ, ба даст овардани қарзҳои дар ҳақиқат имтиёзнок, бахусус дар се-панҷ соли аввали фаъолияташон, таъмини мустақилият ва озодии фаъолияти соҳибкорӣ, истифода нашудани маблағҳои давлатӣ ҳамчун дастгирӣ аз ҳисоби буҷети давлат ва дигар хазинаҳои махсусгардонидашудаи миллӣ, хориҷӣ ва ғ. имрӯз беш аз пеш ниёз дорад (с. 143).

Аз ин рӯ, ба андешаи муаллиф, барои баромадан аз ин мушкилиҳо ва сари вақт амалӣ намудани Барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди соҳибкорӣ тавсияҳои зерин пешниҳод менамояд: барои босуръат ва босубот пеш бурдани соҳибкорӣ корҳои зерин аҳамияти аввалиндараҷа доранд, аз он ҷумла: таҳия ва такмил додани ҳолати қонунгузорӣ ва омода намудани санадҳои нави меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар бахши дастгирӣ ва танзими давлатӣ маҳз барои соҳибкории истеҳсолӣ; низоми таҳия кардан ва дастрас кардани иттилооти зарурии бозорӣ барои соҳибкорон дар тамоми қаламрави Тоҷикистон дар асоси омӯхтани таҷрибаи пешқадами кишварҳои пешрафтаи дуру наздики хориҷӣ ба роҳ монда шавад; низоми таҳким бахшидан ва рушди инфрасохтори соҳибкории хурд ва миёнаи истеҳсолӣ, ки асосан пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он вобаста аст, дар амал ҷорӣ кардани технологияҳои навтарин ва дар муддати кӯтоҳтарин таъмин мекунад, таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ИМА, мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо, Япония, кишварҳои аъзои АСЕАН ва ғайраҳоро ҳамаҷониба омӯхта мавриди истифодаи амалӣ қарор додааст, ки амалишавии ин гуруҳи чорабиниҳо дар саҳифаҳои 143-146 пурра тавсифи худро ёфтаанд.

Дар боби чоруми диссертатсия **“Танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** - нақши давлат дар фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории экологӣ асоснок гардонида шуда, самтҳои асосии дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкории экологӣ муайян ва саҳми мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди босуботи соҳибкории экологӣ нишон дода шудааст.

Муаллифи диссертатсия ба чунин хулоса омадааст, ки корхонаҳои саноатӣ, доираҳои соҳибкорӣ, новобаста аз шакли моликият, бо фазои муносиби низоми ҳокимияти давлатӣ дохил карда шудаанд, ки дар

фаъолияти худ дастгирии низоми сиёсӣ, манбаи воридоти андоз ва кафили суботи иҷтимоиро мебинанд; соҳибони корхона бошад, мушкилоти дарёфт кардани бозори фурӯш, кам кардани хароҷот, пардохти андозҳо ва рақобат дар бозорро ҳал менамоянд. Аммо, бо сабаби манфиати шахсӣ доштанашон, одатан соҳибкорон аз иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоӣ саркашӣ мекунанд (с.205-206).

Ба андешаи муаллиф, рушди самараноки соҳибкорӣ бояд бо манфиатҳои тарафайн алоқаманд карда шавад, аз он ҷумла: мақомоти давлатӣ барои барқарор ва васеъ намудани бозори дохилӣ, муносибатҳои мутамаддини бозорӣ, манфиатҳои иҷтимоӣ ва экологӣ ва манфиатҳои соҳибмулкон. Ба ибораи дигар, раванди синтези манфиатҳои муқобил, ба монанди соҳибкорӣ, давлат, ҷомеа лозим аст. Яъне муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки он ҳамбастагии як низоми ягонаи бозории самарабахши инфрасохтори институтсионалӣ, ки бояд на танҳо механизмҳои риояи муносибатҳои шартномавӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликияти хусусӣ, аз ҷумла сиёсати рақобат, институти муфлисшавӣ ва механизмҳои танзими таҷдиди сармояи саноатӣ, рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҳавасмандгардонӣ барои сармоягузорӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайраро дарбар гирад (с. 206).

Ҳамзамон муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ танзими давлатии соҳибкорӣ тавассути усулҳои зерин амалӣ карда мешавад: танзими ҳуқуқӣ; усулҳои маъмурӣ ва танзими иқтисодӣ, ки шарҳ ва тавсифи ҳар як усул дар саҳифаҳои 207 ва 208-и диссертатсия муфассал мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар боби панҷуми диссертатсия **"Стратегияи рушд ва идоракунии соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"** - самтҳои стратегии рушди соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии соҳибкории экологӣ пешниҳод шуда, рушди маърифати экологӣ ҳамчун омили баланд бардоштани соҳибкории экологӣ асоснок гардидааст.

Дар ин боби ҷамъбастӣ, муаллиф самтҳои асосии амалигардонии рушди соҳибкории экологиро дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода, асоснок намудааст. Ба андешаи муаллиф, яке аз самтҳои рушди соҳибкории экологӣ - ин таҳкими он барои коҳиш

додани партовҳо аз воситаҳои нақлиёт ба ҳисоб меравад. Мошинҳои роҳ то ҳол манбаи асосии партовҳои гулхонаӣ ба ҳисоб мераванд. Мошинхо, алалхусус, мошинҳои шахсӣ ва боркаш ҳар рӯз сӯзишвории пастсифат истифода мебаранд. Сӯзишвории камоктан дар муҳаррикҳои дарунсӯзӣ бештар ифлоскунанда ва камсамар буда, ба муҳити зист, инчунин ба сарфаи воситаҳои нақлиёт ва устувории онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки коҳиши минбаъдаи ин истифодаи воситаҳои муҷозоти иқтисодии истифодабарандагон мебошад, зеро онро на танҳо тавассути истифодаи сӯзишвории тозатар, балки тавассути истифодаи муҳаррикҳои самараноктар ва истифодаи бештари мошинҳои барқӣ ба даст овардан мумкин аст (с.249).

Рақаму далелҳои дар боло овардашударо таҳлил намуда, муаллиф чунин хулосагузорӣ намудааст, ки барои ноил шудан ба рушди иқтисодӣ Тоҷикистон захираҳои табиии худ, аз ҷумла гуногунии биологӣ ва хидматрасонии экосистемаро ба таври васеъ истифода мебарад. Дар Барномаи ба қарибӣ қабулшудаи тараққиёти соҳаҳои конкретии саноат тадбирҳои муҳофизати муҳити зист, ки ба кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои пешниҳодшудаи саноатӣ нигаронида шудаанд, пешбинӣ карда нашудаанд. Бинобар ин дар бораи таъсири манфии эҳтимолии онҳо ба муҳити зист маълумоти кам мавҷуд аст. Аммо, ба андешаи муаллиф, дар чаҳорчӯби Лоиҳаи «Тақвияти бехатарии саноатӣ дар Осиёи Марказӣ» (барои солҳои 2016-2019) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баланд бардоштани сатҳи бехатарии саноатӣ ва ба ин васила дар таъмини ҳифзи саломатии аҳолӣ ва муҳити зист дастгирӣ ёфт. Аз ин ҷост, ки муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки кишвар дар соли 2021 нақшаи навшудаи худбаҳодиҳӣ ва нақшаи нави чорабиниҳои миллиро таҳия ва анҷом додааст (с.253).

Дар хулосаи рисолаи илмӣ муқаррарроти асосии таҳқиқот оварда шуда, тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои назариявию амалии диссертатсия асоснок гардидаанд.

6. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, ҳамзамон дар диссертатсия баъзе норасогиҳои алоҳида ва андешаҳои баҳсталаб низ мавҷуд мебошанд, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар қисмати назариявии диссертасия (ҷадвали 1.3., с. 44) муаллифи фикру андешаҳои олимони хориҷӣ (аз он ҷумла олимони рус) оид ба мафҳуми соҳибкории экологӣ овардааст. Мазмун ва мундариҷаи ҷадвали мазкур ранги дигар мегирифт, агар муаллифи диссертатсия нуқтаҳои назари олимони ватаниро низ оварда, ба таври мушаххас нақши ҳар як кадоми онҳоро дар таҳқиқи мавзуи соҳибкории экологӣ нишон медод.

2. Дар банди 1.3. муаллиф таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба идоракунии рушди соҳибкории экологиро дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" баррасӣ намудааст, вале хубтар мешуд, агар муаллифи диссертатсия имкониятҳо ва роҳҳои татбиқи истифодаи таҷрибаи ин кишварҳоро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он асоснок ва пешниҳод менамуд.

3. Чи тавре, ки маълум аст Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои бойгарии васеъи захираҳои обию энергетикӣ буда на танҳо талаботи аҳолӣ ва иқтисодиётро бо захираҳои об ва "энергияи сабз" таъмин менамояд. Аз ин ҷост, ки хубтару беҳтар мебуд, агар муаллиф ҳамзамон дар бораи рушди соҳибкории экологӣ дар соҳаи саёҳии экологӣ (экотуризм), рекреатсия ва дигар соҳибкории экологии вобаста ба истифодаи захираҳои обӣ дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ хулоса ва андешаҳои худро пешниҳод менамуд.

4. Чи тавре ки маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷумҳурии аграрӣ буда зиёда аз 70 %-и аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ намуда, 60 %-и аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ банд мебошад. Аз ин ҷост, ки муаллиф дар қатори дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҳамзамон дар бораи рушди соҳибкории экологӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳатӣ экологӣ тоза (бо назардошти шароитҳои табий-иқлимӣ ва рӯзҳои офтобии аз 220-230 рӯз зиёдтар) ва содироти чунин маҳсулотҳо ба кишварҳои ҳамсояи наздик фикру пешниҳодҳои мушаххас менамуд.

5. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия ранги дигар мегирифт, агар муаллиф дар қатори самтҳои авлавиятдори рушди соҳибкории экологӣ, ҳамзамон бо назардошти ҷойгиршавии ашёи хом ва имконияти молиявӣ аз буҷети давлат ва ҷалби сармояи хориҷӣ дар бораи дар оянда ба роҳ мондани истеҳсоли таҷҳизотҳои барқӣ, аз он ҷумла панелҳо ва батареяҳои

офтобӣ, автомашинаҳои барқӣ (электроавтомобилҳо), нақлиёти ҷамъиятии бо қувваи барқ ҳаракаткунанда ва ҳамсоли онҳо фикру андешаҳои худро пешниҳод менамуд.

6. Мазмун ва мундариҷаи боби панҷум ва зербобҳои он ранги дигар мегирифт, агар муаллиф сарчашмаи маблағгузориҳоро ба амалисозии самтҳои асосии рушди соҳибкории экологӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, аз он ҷумла саноат, туризм, соҳаи об ва энергетика ва ғайраҳо, саҳми сохибкории экологӣ дар ММД-и кишвар мавриди баррасӣ ва ғайраҳо муайян ва пешниҳод менамуд.

7. Мазмун ва мундариҷаи боби ниҳоӣ ранги дигар мегирифт, агар аз тарафи муаллиф, дурнамои идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккул ва рушди ояндаи "иқтисоди сабз", лоақал барои 5-10 соли оянда коркард ва пешниҳод карда мешуд.

Қобили зикр аст, ки камбудиҳо ва норасогиҳои номбаршуда аҳаммият ва қимати илмию амалии таҳқиқотро паст намекунад. Сохтори диссертатсияи докторӣ аз нуқтаи назари мантиқӣ дуруст буда, рисола дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад. Диссертатсияи Досиев М.Н. натиҷаи фаъолияти мустақилона ва ба итмомрасидаро нишон медиҳад.

7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Дар асоси таҳқиқ ва натиҷаҳои илмиву амалии кори диссертатсионӣ, муаллиф, дар маҷмуъ 80 мақолаҳои илмӣ, аз онҳо 28 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки ҷавобгӯй ба талаботи муқаррарагардида мебошад.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Диссертатсия ва автореферати он мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, баён гардидаанд.

Барасмиятдароии диссертатсия ва авторефеат тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумуҳрии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

9. Хулосаи ҷамъбастӣ

Умуман, диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия» аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионии мазкур Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) дода шавад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
декани факултети иқтисод ва идораи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Исайнов Ҳ.Р.

Имзои д.и.и., професссор Исайнов Ҳ.Р. - ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
18.06.2024с.

Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
Шаҳраки донишҷӯён, бинои
таълимии 7, тел.: 992-918-40-61-42.
E-mail: rahimovich@mail.ru